Суратҷаласаи № 8

Маҷлиси васеи Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара”

аз 19-уми марти соли 2022 н. Данғара

**Иштирок доштанд:** 15-нафар аъзои Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара” ва шахсони даъватшуда иборат аз 2 нафар иштирок доштанд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона рӯзнома кабул карда шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Таъйини экспертҳо барои ташхиси диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевичро дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара” номзади илмҳои филологӣ, дотсент Самардинов Қ. Н. баромад намуд. Мавсуф дар бораи аризаи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич оид ба таъйини муқаризони холис барои ташхиси диссертатсия суханронӣ намуд.

Ҷаласаи Шӯрои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара” пас аз баррасии масъалаи мазкур дар асоси фикру андешаҳои баёнгардида,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод шудааст, ҷиҳати баррасӣ ва гузаронидани давраи дуюми экспертиза дар факултет кабул карда шавад.
2. Мукарризони холис дар ҳайати нафарони зерин таъйин карда шаванд:
2.1. Икромов Искандар – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”;
2.2. Раҷабалӣ Худоёрзода Сара – н.и.ф., директори Маркази илмӣ-таҳқиқотии “Мавлоношиносӣ”-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор – “15-нафар”, зид – “нест”, бетараф – “нест”**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯ ВА РӮЗНОМАНИГОРӢ FACULTY OF PHILOLOGY AND JOURNALISM ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Раиси маҷлис: Самардинов Қ. Н.

Котиби маҷлис: Файзуллоев А.Ҳ.